

Ю32
К46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# ДОРОШОҲ ВА ГАЛАБОН

«САД ПАНД»



**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5/08 | 2014 | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

МЛ 703.2
К 46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# ДОРОШОҲ
# ВА
# ГАЛАБОН

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи
М. Миршакар
1617 б/ф
г/з

ББК 83,8(2тоҷик)+82,3
Д-76

**Д-76. Дорошоҳ ва ғалабон.** Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2012.-8 саҳ.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» тасмим гирифтааст, ки аз ашъори безаволи классикони форс-тоҷик силсилакитобҳоро бо номи «Сад панд» барои шумо, хонандагони хурдакаки азизу меҳрубон, дар шакли китобчаҳои пурнақшу нигор нашр намояд. Инак, оғози ин силсила аз қиссаву ривоятҳои пандомӯзу ибратангези маснавии безаволи «Бӯстон»-и носеҳи бузурги форс-тоҷик Шайх Саъдии Шерозӣ 10 китобча, ки Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар мураттаб намудааст, ибтидо мегирад ва пешкашатон мегардад.

ISBN 978-99947-838-6-1 © «АДАБИЁТИ БАЧАГОНА», 2012

Яке аз шоҳони даврони қадим-Доро ҳангоми шикор аз ҳамроҳон ҷудо афтод ва роҳи бозгашт гум кард. Дар кӯҳу бешазор, дашту даманҳо сарсон мегашт. Рӯзе аз дур мардеро дид. Гумон кард, ки дузд ва ё роҳзан аст. Камонашро ба даст гирифту хост, ки ӯро бо як тир нақши замин гардонад.

Мард аз дур фарёд зад:

–Эй Дорошоҳ! Маро ба нишон нагир. Ман дузд нестам, ман галабон ҳастам, галлаи аспони туро нигаҳбонӣ мекунам.

Доро камонро як сӯ гузошта, ба назди галабон омад.

Гуфт:

–Ман туро нашинохтам.

Галабон дар ҷавоб гуфт:

–Ман як галлаи бузурги аспҳоро бонӣ мекунам. Ҳамаи онҳоро аз рӯи рангу рафторашон мешиносам.





Дорошоҳ шубҳа кард:

–Бовар намекунам. Наход ҳамаи онҳоро як ба як шинохта тавонӣ?

Галабон бо қатъият гуфт:

–Мешиносам. Аммо ту ҳам галабон ҳастӣ.

Дорошоҳ аз ин сухан ҳайрон шуд. Хеле андеша кард ва пурсид:

– Магар ман ҳам галабон ҳастам?

Галабон гуфт:

–Оре, ту ҳам галабон ҳастӣ. Мардуми кишвари ту галлаи туст. Бояд ҳар кадоми онҳоро бишиносӣ, фикру андеша, хулқу атворашонро донӣ. Агар надонӣ, ту чӣ хел шоҳ ҳастӣ?

Шоҳ гуфт:

–Донистани ман шарт нест. Хизматгорҳои зиёд дорам. Онҳо бояд донанд.

Галабон дар ҷавоб лаб кушод:

–Кори хизматгорҳо дигару кори ту



дигар. Туро, ки Худованд шоҳи мо кардааст, бояд ҳамаи моро шиносӣ ва аз рӯи бехабарӣ нишони тират насозӣ.

Шоҳ ҳайрон шуд:

– Чи хел?

Галабон гуфт:

– Ҳамон тавре ки ман ҳар як аспи худро дар галлаи бегона меёбам ва ҳифзу парвариш мекунам.

Дорошоҳ ба андеша афтод ва ба худ гуфт:

– Ин галабон дуруст мегӯяд. Агар худро сарвар донӣ, бояд ҳар яке аз мардуми худро шиносӣ ва хидматгузорӣ намоӣ.

**Байт:**

**На тадбири маҳмуду[1] ройи дуруст,**
**Ки душман надонад шаҳаншаҳ зи дӯст.**

[1] Маҳмуд – писандида, созгор.



АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# ДОРОШОҲ ВА ГАЛАБОН

Муҳаррир Наҷмиддин Салоҳиддинзода
Муҳаррири техникӣ Зебо Ҷӯраева
Таррох ва ороишгар Рифкат Галимов
Ҳуруфчин Гулноз Шокирова

Ба чопаш 20.01.2012 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 05. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №16/2012 (АБ0016)

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, Душанбе, к. Н. Қаробоев, 17.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

9 789994 783861